# ПРОТОКОЛИ

**маҷлиси шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-046 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос дар заминаи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” оид ба диссертатсияи Тиллобаева Салима Махмадалиевна дар мавзӯи «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон дар асрҳои IX -XVII» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) (протоколи №15 аз 9 октябри соли 2021)**

аз “09” октябри соли 2021 ш. Бохтар

Шунида ва муҳокима намудани кори диссертатсионии Тиллобаева Салима Махмадалиевна дар мавзӯи «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон дар асрҳои IX -XVII» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) (роҳбари илмӣ: Сатторов Абдурасул Эшбекович – доктори илмҳои педагогӣ, номзади илмҳои физика-математика профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”; тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ” бо имзои доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ “ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ” Ҳусайнов А., номзади илмҳои физика-математика, дотсент Ғафуров С. ва мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик, номзади илмҳои таърих, дотсент Фозилова Махсуда Зулфиқоровна, пешниҳод гардида ва бо имзои ректори донишгоҳ доктори илмҳои таърих, профессор Ғаффорӣ Нуъмонҷон Усмонзода ва тақризи муқарризони расмӣ: Бобоев Хаёл Юлдошевич, доктори илмҳои таърих, профессор, муовини ректор оид ба равобити хориҷӣ ва масоили иҷтимоии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Холов Маҳмудҷон Шарипович, номзади илмҳои физика-математика, дотсент, узви вобастаи Академияи муҳандисии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳарририр пешбари СИ Энсиклопедияи миллии Тоҷикистон илова бар ин, муқарризони ғайрирасмӣ: Санина Елена Ивановна, доктори илмҳои педагогӣ, профессори Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии “Академияи гумруки Россия”; Қурбонов Икром, доктори илмҳои физика-математика, профессор, узви вобастаи АМИТ, профессори Донишгоҳи Тоҷикистон-Россия (славянӣ); Исоев С.Қ., номзади илмҳои таърих, и.в. дотсенти кафедраи “Шабакаҳои барқӣ ва физикаи умумӣ”-и Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб.

Дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаҳое, ки Шӯрои диссертатсионӣ оид ба кори Тиллобаева Салима Махмадалиевна бо

дарназардошти актуалӣ будани мавзӯъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии натиҷаҳо, хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаҳои корҳои ба чопрасида, Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-046

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Кори диссертатсионии Тиллобаева Салима Махмадалиевна дар мавзӯи «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон дар асрҳои IX -XVII», ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла "Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ" ва тибқи банди 7-уми Низомнома оид ба "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферат ва корҳои чопшуда ҳаматарафа мундариҷаи асосии кори диссертатсияро инъикос менамояд.
3. Ба Тиллобаева Салима Махмадалиевна дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – таърих (таърихи илм ва техника) дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Тиллобаева Салима Махмадалиевнаро бо дипломи номзади илмҳои таърих сарфароз гардонад.

**Раиси**
**шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-046**
**доктори илмҳои физика-математика, профессор** **Комилӣ А.Ш.**

**Котиби илмии**
**шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-046**
**доктори илмҳои таърих, дотсент** **Алимов Д.Х.**